**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, Душанбе, 2025**

Яке аз муҳимтарин сарчаҷшмаҳои таърихӣ роҷеъ ба омӯзиш ва шинохти рӯйдодҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангии давраҳои гуногуни таърихӣ – сиккаҳо мебошанд. Сиккаҳо дар баробари сарчашмаҳои хаттӣ ва ёдгориҳои таърихӣ дар муайянсозии паҳлуҳои гуногуни таърихи халқи тоҷик нақши муҳим ва калидӣ доранд. Аз ин рӯ, мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)», ки аз ҷониби муҳаққиқ Каримдодзода Миралӣ Замон мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст, дар замони муосир як амри муҳми ва зарурист.

Боби аввали рисола "Таърихи ташаккули фонди сикккаҳои қадим ва ибтидои асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон" унвон дошта, дар он роҷеъ ба таърихи ташаккули сиккашиносӣ дар Тоҷикистон, нақши комиссияи фондӣ дар такмили фонди нумизматии Осорхонаи миллии Тоҷикистон, экспедитсияҳои бостоншиносӣ ва рисолати онҳо дар ғанигардонии фонди нумизматии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар асоси манобеи илмӣ ва маводи фондии осорхонавӣ маълумоти муфассал оварда шудааст.

Боби дуюми рисола зери унвони "Таснифи қадимтарин сиккаҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон" буда, дар он масоили мубрами сиккашиносӣ ва ташаккулёбии он дар адвори таърихӣ, ба монанди сиккаҳои Ҳахоманишию Юнонӣ ва ташаккули муомилоти пулӣ дар Осиёи Миёна, вижагиҳои сиккаҳои юнонӣ-бохтарии Осорхонаи миллии Тоҷикистон, аҳаммияти сарчашмавии онҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби сеюми рисола зери унвони “Аҳаммияти сарчашмавии сиккаҳои кушонӣ ва сосонии Осорхонаи миллии Тоҷикистон” буда, дар он авҷи сикказанӣ ва муомилоти пулии шимоли Бохтар-Тахористон дар асрҳои II т.м. - III милодӣ ва сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ ва сосонии Осорхона миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар қисмати хулосаи рисола, муаллиф таҳқиқоти анҷомдодаи худро бо истифода аз мабнои таърихӣ ҷамъбаст намуда, таъкид доштааст, ки дар замони Шуравӣ (1917-1991) бо таъсиси осорхонаҳо ва саъю кӯшиши Е.А. Давидович, Е.В. Зеймал, О.И. Смирнова ва Д. Довутов таҳқиқоти сиккашиносӣ ба сатҳи илмӣ расонда шуд. Дар давраи Истиқлол (аз соли 1991) таҳқиқоти сиккашиносӣ дар Тоҷикистон густариш ёфта, Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба маркази асосии он табдил меёбад. Сиккашиносони тоҷик Д. Довудӣ, А.Қ. Шарифзода, Ф. Сафоев, М. Сафоев, А.А. Шарифзода, М. Каримдодзода дар таҳияи феҳристҳо, таҳқиқоти саҳроӣ ва интишори илмии сиккаҳо саҳми назаррас гузоштанд. Ин раванд бо ҳамкориҳои байналмилалӣ таҳким ёфта, заминаи устувори рушди минбаъдаи илмии сиккашиносии Тоҷикистонро фароҳам овард.

Инчунин, нақши Осорхонаи миллии Тоҷикистонро дар рушди сиккашиносии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ намуда, таъкид доштааст, ки ташаккули фонди нумизматии Осорхонаи миллии Тоҷикистон (ОМТ) аз солҳои 1930-юм огоз гардида, дар даврони Истиқлол ба марҳилаи нави рушду густариш ворид гардидааст.

Ҳамин тариқ метавон гуфт, ки Каримдодзода Миралӣ Замон дар раванди таҳқиқи мавзуъ мантиқи муайяни методологиро риоя намуда, доир ба назария ва амалияи таҳлилшуда нигариши хоси худро муайян намудааст. Дар рисола инчунин муаллиф доир ба таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба ҳифзу нигоҳдошти сиккаҳо дар асоси фаъолияти осорхонаҳои ҷаҳонӣ маълумот додааст.

Фишурдаи хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияро ба таври мушаххас инъикос менамоянд.

Автореферати диссертатсияии Каримдодзода Миралӣ Замон ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (номзади илм), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, сазовори дарёфти унвони номзади илмҳои таърих мебошад.

Мудири кафедраи фанҳои
гуманитарӣ ва табии-риёзии
ИТРЗС-и ДБССТ
**н.и.т. Сафарқулова Г.Ю.** ______

Имзои Сафарқулова Г.Ю.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБССТ Ҷӯраев Ш.Н. ______

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
Индекс 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбон (кӯча)-и Борбад, 48/5
Тел./ Fax.: +992 (37) 234-88-02. 234 88 00
E-mail: iutet_ips@mail.ru: сомонаи расмӣ: https://iutet.tj

«19» ___11___ соли 2025